ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ЗАМИМА БА КИТОБИ ДАРСИИ «САНЪАТ ВА МЕҲНАТ» БАРОИ СИНФИ 1-ум

**Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
тавсия кардааст**

**Душанбе
Маориф
2016**

**ББК 85+74.266+74.268я72**
**З-24**

**З-24** Муаллиф: М. Иргашева. **Замима ба китоби дарсии “Санъат ва меҳнат” барои синфи 1-ум .** Душанбе, «Маориф», 2016, 24 саҳ.

**ISBN 978-99947-1-424-7**

**© «Маориф», 2016**

**Мавзӯъ: Ин қадар зебост тирамоҳи заррин**

1. Рангҳои гуногунро омехта карда, ба қисмати қафои барг бо мӯқалам бимолед.
2. Баргро аз тарафи рангкардаатон ба коғаз зер кунед.
3. Эҳтиёткорона баргро аз коғаз ҷудо кунед.




**Мавзӯъ: Сохтани чароғаки раҳнамо**
Шеърро хонед ва мазмуни онро шарҳ диҳед:

ЧАРОҒАКИ РАҲНАМО

Шаҳри калон – шаҳри мо,
Пури мошин – кӯчаҳо.
Чӣ хел карда гузарем,
Аз чорраҳа, бачаҳо?
Раҳ нишон диҳад ба мо
Чароғаки раҳнамо:
Сурхаш мегӯяд,ки: – ист,
Гузарад мошинаҳо!
Зардаш мегӯяд: – дарров
Ба гузаштан тайёр шав!
Сабзаш даргирад агар
Марҳамат, акнун гузар!

*Н.Бақозода*

**Мавзӯъ: Асбобҳои рӯзгор**

*Қадамҳои тасвири чойник:*

1. Таҷҳизоти зарурро барои дарси имрӯза омода кунед. Бо қалами одӣ дар маркази коғаз як давра тасвир кунед;
2. Аз ду тарафи давра (шакл) секунҷаи миёнаҳаҷм тасвир кунед;
3. Секунҷаҳоро ба дастак ва нӯги чойник монанд кунед;
4. Сарпӯши чойникро тасвир намоед;
5. Хатҳои асосиро серрангтар намуда, хатҳои зиёдатиро бо хаткӯркунак тоза кунед;
6. **Бо** қаламҳои ранга чойникро рангӣ тасвир кунед.



**Мавзӯъ: Ҷамъоварии ҳосил**

1. «Аз дӯстони сегона чорумаш бошад бегона». Ба ин расмҳо бодиққат нигоҳ кунед ва гӯед, ки кадомаш зиёдатӣ аст.





2. Ба намунаҳо нигоҳ карда, расми мева ва сабзавотро тасвир кунед.

*Намунаи тасвир кардани сабзавоту меваҳо:*

1) шакли асосии мева ё сабзавот (даврашакл, дарозрӯя ва ғ.)-ро тасвир намоед;

2) қисмҳои иловагии мева ё сабзавот (барг, чӯб), гирдҳои онро тасвир кунед;

3) қисмҳои зиёдатиро бо хаткӯркунак тоза кунед;

4) бо қаламҳои ранга онро ранг кунед.





**Мавзӯъ: Ҳашар**

Аз коғаз ё картон қуттича созед:

1. 

2. 

3. 

4. 





**Мавзӯъ: Ороиши китоб**

Аз коғаз китобча созед ва онро оро бидиҳед:



**Мавзӯъ: Театр ва нақшофарӣ**

Аз табақчаи пластикӣ ё картон ниқоб бисозед:





1.



2.



3.



4.

**Мавзӯъ: Кӣ бештар чистон медонад?**

Ҷавоби ребусҳоро ёфта, онро тасвир кунед.

Намуна:

 +  =  **(хар+гӯш=харгӯш)**

100 +  = ?

 + Ӣ = ?

ТАР +  = ?

 +  + А = ?

 + Ӣ = ?

**Мавзӯъ: Нақлиёт**

Кадом намуди нақлиётро медонед?

Ин расмҳоро тасвир кунед:

1. 

2. 

3. 

Ба намуна нигоҳ карда шакли тайёраро бисозед:



## Мавзӯъ: Нақшу нигори миллӣ

**Тарзи тасвир намудани нақшу нигори миллӣ:**

Коғази сафеди чор кунҷаш баробарро гиред (агар баробар набошад, онро баробар карда, бибуред).

1. Коғазро аз байнаш чун дар намуна қат кунед.
2. Коғази қаткардаатонро боз як маротиба аз байнаш қат кунед.
3. Коғази қаткардаатонро боз як маротибаи дигар қат кунед, то секунҷа ҳосил шавад.
4. Аз як тарафи коғаз ягон гул кашед ва онро бо қайчӣ бурида партоед.
5. Коғазро кушоед. Нақшу нигор омода созед.
6. Нақшу нигори омодашударо дар коғази рангаш фарққунанда ширеш кунед.

Шумо метавонед дар қадами 4 гулҳои гуногунро тасвир карда, нақшҳои гуногунро омода намоед.



1.



2.

**Мавзӯъ: Аз асл сохтани меваҷот**

*Тарзи сохтани меваҳои шаклан сода бо пластилин.*

1) ранги мувофиқи пластилинро интихоб карда, андозаи муайяни онро ҷудо кунед;

2) онро бо даст соиш дода, ба шакли дарозрӯя, ё давврашакл табдил диҳед;

3) онро ба шакли меваи интихобкардаатон монанд кунед (масалан, себ даврашакл аст);

4) қисмҳои иловагиашро пайваст карда, ба мева монанд кунед (масалан, агар ба пластилини сурх каме пластилини зард илова карда, соиш бидиҳед, себ зеботар мешавад).

Аз пластилин меваҳои дӯстдоштаатонро омода кунед:



1.



2.

**Мавзӯъ: Зимистон фасли зебост**

Дар рӯйи коғази ранга бо ранги обӣ (акварел) дарахти барфпӯш тасвир кунед:



Заррачаҳои барф дар асл ниҳоят зебо ва гуногун ҳастанд.



Аз коғаз шакли заррабарфро бибуред. Нақшҳои гуногун эҷод кунед.




Дар қадами чорум шумо метавонед нақшҳои гуногунро тасвир намуда, онҳоро бибуред ва заррабарфҳои ҳархела ба даст биоред. Намунаи нақшҳо:



**Мавзӯъ: Бозиҳои зимистона**

*Қадамҳои тасвири одами барфӣ:*

1. Таҷҳизоти зарурро барои дарси имрӯза омода кунед. Мӯқаламро ба об ва ранги осмонӣ омехта карда, дар қисми поёни коғаз як доирача тасвир намоед.
2. Аз болои ин доирача як доирачаи нисбатан хурдтарро тасвир кунед.
3. Кулоҳ ва гарданбанди одами барфиро бо ранги дилхоҳатон тасвир кунед.
4. Бинии одами барфиро бо ранги норинҷӣ тасвир кунед. Кулоҳашро низ оро бидиҳед.
5. Чашмон ва дастони одами барфиро тасвир кунед.
6. Тугмаҳои одами барфиро тасвир намоед. Дар ҷойҳои холии коғаз заррабарфҳоро тасвир кунед.



**Мавзӯъ: Тайёрии хонандагон ба иди Соли нав**

*Барои иди Соли нав ашёи ороиширо омода кунед.*

Намуна:

1. Коғази рангаро дуқат кунед, дар он расми ҳалқача тасвир намоед ва бо қайчӣ бибуред (агар чанд коғази дуқатро ба болои якдигар монда, ҳалқача бибуред, якбора миқдори зиёди ҳалқача ба даст меоред).
2. Ҳалқачаҳои тайёрро ба якдигар пӯшонед.



1.



2.

**Мавзӯъ: Иди арча**

Расми арчаро тасвир кунед.

*Қадамҳои тасвири арчаи солинавӣ:*

1. Бо қалами одӣ қолаби умумии арча (секунҷа ва чоркунҷа)-ро тасвир кунед.
2. Аз болои секунҷа шохчаҳои арчаро намоён кунед ва хатҳои зиёдатиро бо хаткӯркунак тоза кунед.
3. Арчаро оро диҳед ва дар болои он ситора тасвир кунед.
4. Арчаро пурра оро диҳед.
5. Арчаро бо қаламҳои ранга ва бозичаҳои онро бо фломастер ранг кунед.



**Мавзӯъ: Эҷодкорӣ**

*Барои иди Соли нав табрикнома эҷод кунед.*

Намуна:

1. 
2. 
3. 
4. 
5. 
6. 
7. 
8. 
9. 
10. 

**Мавзӯъ: Таътили зимистона. Манзараи зимистон**

*Дар рӯйи когази ранга бо пластилин манзараи зимистонро тасвир кунед:*





**Мавзӯъ: Мушоҳида дар ҳавои кушод**

Бо манзараҳои олами атрофатон шинос шуда, табиати онро тасвир кунед.

*Намунаи тасвири дарахтон:*



*Намунаи тасвири парандагон:*




**Мавзӯъ: Сохтани шакли бозичаҳои тоҷикӣ**

Бозичаҳои тоҷикиро созед.

*Намунаи сохтани лӯхтаки тоҷикӣ:*

1) ду чӯбча(яктоаш нисбат ба дигараш дарозтар)-и хушкро гиред;
2) як чӯбчаро ба болои дигараш монда, бо ришта онро печонда, мустаҳкам кунед (шаклан ба аломати + монанд шавад);
3) ба қисмати болоии он бо риштаҳои ранга тугмаро печонда, мустаҳкам кунед;
4) аз як порча матоъ куртача омода кунед;




**Мавзӯъ: Театри лӯхтак**

Барои театр лӯхтак омода кунед.

*Намунаи омода намудани лӯхтак барои театр:*

1. Аз картон шакли давраи дарозрӯя бибуред. Онро аз байнаш дуқат кунед.
2.Ҷӯробро ба тарафи дарун чапа карда, дар рӯйи миз ҳамвор кунед.
3. Ба тарафи даруни картони дуқатшуда ширеш бимолед ва нӯги ҷӯробро ба он андохта, ширеш кунед. Каме интизор шавед, то ширеши он хушк ва мустаҳкам шавад.
4. Ҷӯробро ба ҳолати пештарааш чаппа кунед. Бояд нӯги ҷӯроб мисли даҳони кушода боз бошад.
5. Ба он бинӣ, чашм ва гӯш ширеш кунед. Лӯхтаки театр омода шуд.



Ба намуна нигоҳ карда, барои театр мустақилона лӯхтак омода намоед ва бо лӯхтаки худ нақш эҷод кунед.

**Мавзӯъ: Аломатҳои роҳ**

Аломатҳои роҳро тасвир карда, аз он лавҳачаҳо бисозед.

*Намунаи сохтани лавҳача бо аломати роҳ:*

1. Дар коғази сафед аломати роҳро тасвир ва ранг кунед.

2. Аломати тайёршударо бурида, ба картон ширеш кунед. Шакли картонро ҳам мисли шакли умумии аломат бибуред.

3. Чӯбчаи борик (дандонкобак)-ро дар пушти картон ширеш кунед.

4. Чӯбчаро ба сарпӯши пластикӣ ё пластилин мустаҳкам кунед, то он дар ҳамворӣ рост биистад. Лавҳача бо аломати роҳ омода шуд.





**Мавзӯъ: Душанбе – пойтахти Тоҷикистон**

*Аз тасаввуроти худ шаҳри Душанберо тасвир кунед:*





**Мавзӯъ: Тухфа ба аскарон**

Барои аскарон туҳфа омода кунед.

*Намунаи омода намудани туҳфа барои аскарон:*





## Мавзӯъ: Ватанам, Тоҷикистон

**Шеърро дар васфи Ватан аз ёд кунед.**

*Ватан сар мешавад аз гоҳвора,*
*Зи шири поку аз пистони модар,*
*Ватан сар мешавад аз он тавора,*
*Ки онро сохта дастони модар.*
*Ватан беҳбудию беҳрӯзии мост,*
*Ватан хушномию фирӯзии мост.*

***Лоиқ Шералӣ***

Тасвири озод дар мавзӯи “Ватанам дарояндаи дур аз нигоҳи ман”. Ватани худро дарояндаи дур тасаввур карда, онро тасвир намоед.

Намунаи корҳои хонандагон дар мавзӯи “Ватанам дарояндаи дур аз нигоҳи ман”







## Мавзӯъ: Туҳфаи идона барои модарон

Барои модаратон табрикнома омода кунед.

*Намунаи омода намудани табрикнома барои иди Модарон:*


1.

2.

3.


4.  5.  6.  7. 

8.  9.  10.  11. 

**Мавзӯъ: Баҳори Тоҷикистон**

*Шеърро хонда, мазмуни онро шарҳ диҳед:*

Рӯйи замин шуълабор,
Авҷи ҳаво беғубор,
Боз кушояд канор
Дар Ватани мо баҳор!

*Манзараи баҳорро бо усули гулмонӣ тасвир кунед.*

Қадамҳои тарзи омода намудани манзараи баҳор бо усули гулмонӣ:

1. Коғазро қат кунед, дар як паҳлуи он гул, ё барг, ё алафро тасвир кунед;
2. Шакли тасвиркардаатонро бибуред;
3. Коғазро кушоед ва ба дафтари расм ё ягон коғази дигар ширеш кунед;
4. Аз тасаввуроти худ гул ва баргу алафҳои гуногунро аз коғаз бурида, манзараи баҳорро бо усули гулмонӣ (апликатсия) бисозед.

*Намунаи гулҳо:*

**1.**  **2.** 

3.  4. 

5.  6. 

7.  8.  9.  10. 

11.  12.  13. 

**Мавзӯъ: Сохтани гули лола**

Аз коғазҳои ранга гули лола созед.

Қадамҳои сохтани гули лола бо усули қаткунӣ (оригами):





Гули лоларо тасвир кунед.

*Намунаи қадам ба қадам тасвир кардани гули лола:*



**Мавзӯъ: Наврӯзи дилафрӯз**

Аз гули қоқу гулчанбар бисозед.

*Намунаи сохтани гулчанбар:*



**1 2 3 4 5**




**Мавзӯъ: Фасли баҳор, мавсими кор**

Шакли белчаро созед.

*Қадамҳои сохтани белча:*

1. Чӯбча ва коғаз омода кунед. Аз коғази рангаи сурх шакли белро тасвир намуда, онро бибуред. Аз коғази сафед баробари чӯбча шакли наймонанд омода кунед.
2. Болои чӯбчаро ширеш бимолед ва коғази сафедро аз болояш пӯшонед.
3. Коғази сурхро ба чӯбча аз болои коғази сафед ширеш кунед.
4. Коғази сурхи дуюмро аз тарафи муқобили он ширеш кунед, то чӯбча намоён нашавад. Белча омода шуд.

1. 
2. 

3. 
4. 

Расми белро тасвир кунед:



**Мавзӯъ: Рӯзи ғалаба**

Барои иди Ғалаба табрикнома омода кунед.

*Намунаи омода кардани табрикнома:*

1. Коғази рангаи сурхро давраршакл бибуред;
2. Онро чорқат кунед, то аз як тарафаш секунҷа ҳосил шавад, аз тарафи нимдоираи он хатчаҳои борик бибуред;
3. Чунин гул сето омода карда, онҳоро ба рӯйи коғази сафед ё картони дуқаткардашуда бо ширеш бичаспонед;
4. Аз коғази ранги сабз зергул бибуред ва онро дар қисми поёнии гул ширеш кунед;
5. Аз коғази сабз пояи гулро бурида, дар зери гул ширеш кунед;
6. Аз коғази сабз баргҳои гулро бурида, аз болои пояаш ширеш кунед;
7. Аз коғази зард шакли лента бурида, бо фломастери сиёҳ дар он чанд хати рост кашед;
8. Лентаи омодашударо ба болои гулҳо ширеш кунед;
9. Аз коғази рангаш сурх шакли ситорача бурида, ба болои лента ширеш кунед.



**Мавзӯъ: Ташкил намудани намоишгоҳ**

Намоишгоҳи натиҷаи маҳсули кори яксолаатонро якҷоя бо ҳамсинфонатон дар синф ташкил кунед. Ба намоишгоҳ падару модар ва наздиконатонро даъват кунед.



**Иргашева Мадина**

# Замима ба китоби дарсии «Санъат ва меҳнат» барои синфи 1-ум


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | А. Комилзода |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Қ. Саъдуллоев |
| Тарроҳ | И. Сатторов |

Ба матбаа 28.06.2016 супорида шуд.
Ба чоп 13.08.2016 иҷозат дода шуд. Андозаи 60x84 1/8.
Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 3.
Адади нашр 120 000 нусха.
Супориши № 129/2016

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи А. Дониш, 50.
Тел.: 222-14-66. E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ «Бебок» чоп шудааст.
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 17.
Тел. 233-93-49. E-mail: kitob@bk.ru